Замимаи 2
бо фармоиши вазири маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «_03_» 01 соли 2025, №21
тасдиқ карда шудааст

Дастурамали
мансаби сардори раёсати таҳсилоти томактабии
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии тоҷикистон

1. Муқаррароти умумӣ

1. Номи мансаб – сардори раёсати таҳсилоти томактабии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи якум мансуб аст.

3. Сардори раёсати таҳсилоти томактабии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд- сардори раёсат) аз тарафи вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - вазири маориф ва илм) мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешавад.

4. Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба вазири маориф ва илм, муовинони вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

5. Ба сардори раёсат, муовини сардор, 3 сармутахассис, 1 мутахассиси пешбар ва 1 мутахассис ҷамъ 7 нафар тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошанд.

6. Дар давраи муваққатан ҳозир набудани сардори раёсат, иҷрои уҳдадориҳои мансабии ӯ ба зиммаи муовини сардори раёсат вогузор карда мешавад.

7. Сардори раёсат бо роҳбарон ва кормандони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илм ва муассисаҳои тобеи он, дигар мақомоти давлатӣ ва раёсату шуъбаҳои маориф дар доираи уҳдадориҳои мансабии худ тибқи тартиби муқarrаргардида ҳамкорӣ менамояд.

2. талаботи тахассусӣ

8. Барои ишғоли мансаби сардори раёсат талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

- таҳсилоти олии касбии равияи ҷамъиятӣ – гуманитарӣ ё таҳсилоти томактабӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

-мавҷудияти дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;

-донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои мансаби сардори раёсатро ба танзим медароранд;

- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- мавҷудияти малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

- на камтар аз 1 маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;

- малакаи кор бо компютер ва дигар технологияҳои иттилоотӣ.

9. Сардори раёсат бояд ба талаботи махсус ҷавоб диҳад:

- дорои донишу малака барои истифодабарии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф бошад.

## 3. Уҳдадориҳои мансабии сардори раёсат

10. Роҳбарии умумӣ ва назорати фаъолияти кормандони раёсатро анҷом медиҳад.

11. Интизоми иҷроия ва меҳнатро дар раёсат назорат менамояд.

12. Маводҳои воридгардидаро ба кормандони раёсат барои иҷро месупорад, рафти иҷрои онҳоро ташкил ва назорат менамояд.

13. Ба кормандони раёсат дар доираи ваколатҳои раёсат супоришҳо медиҳад, иҷрои саривақтии онҳоро назорат менамояд.

14. Нақшаи кори нимсолаи (солонаи) кормандонро якҷоя бо онҳо тартиб дода, тасдиқ менамояд.

15. Нақшаи чорабиниҳои раёсатро ҷиҳати амалӣ намудани санадҳои қонунгузорӣ дар самти дахлдор таҳия ва тасдиқ менамояд.

16. Омӯзиши фаъолияти корӣ, салоҳиятнокӣ, донишу малака сифатҳои касбии кадрҳои роҳбарикунандаи муассисаҳои таълимии томактабии ҷумҳуриро ба роҳ монда, оид ба мувофиқати онҳо ба вазифаи ишғолнамуда, ба вазир ва муовини вазири маориф ва илм, пешниҳод манзур месозад.

17. Нақшаҳои кори раёсатро таҳия намуда, пас аз тасдиқ иҷрои онро ташкил, назорат ва таъмин менамояд.

18. Иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти раёсат дахлдоштаро ташкил, назорат ва таъмин менамояд.

19. Лоиҳаи дастурамалҳои мансабии кормандони раёсатро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод менамояд.

20. Лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти раёсат дахлдоштаро таҳия менамояд.

21. Лоиҳаи тавсияҳои методии татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти раёсат дахлдоштаро мустақилона ё дар якҷоягӣ бо дигар кормандони раёсат ва шуъбаҳои Вазорат таҳия менамояд.

22. Лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки аз тарафи дигар мақомоти давлатӣ барои мувофиқа пешниҳод карда шудаанд, мустақилона ё дар якҷоягӣ бо дигар кормандони раёсат ва шуъбаҳо баррасӣ намуда, хулосаи Вазоратро омода менамояд.

23. Лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тавсияҳои методии омоданамудаи дигар воҳидҳои сохтории Вазорат ва сохторҳои ҳудудии онро мустақилона ё дар якҷоягӣ бо кормандони раёсат ва шуъбаҳо баррасӣ намуда, хулосаи раёсатро омода менамояд.

24. Дар санҷиши фаъолияти воҳидҳои сохтории Вазорат ва сохторҳои ҳудудии он оид ба риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа иштирок мекунад ва аз натиҷаи санҷиш ҳисобот манзур менамояд.

25. Ба шахсони вазифадори мақомоти давлатӣ ва хадамоти кадрии он кӯмаки методӣ мерасонад, шарҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулнамудаи Вазоратро, ки ба фаъолияти раёсат дахл дорад, омода менамояд.

26. Маводҳои дахлдори ҳуқуқвайронкунии маъмуриро мутобиқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода, ба вазир ва муовини вазири маориф ва илм пешниҳод менамояд.

27. Дар кори комиссияҳо, гурӯҳҳои корӣ, ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои Вазорат иштирок менамояд.

28. Шаҳрвандонро қабул намуда, муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро баррасӣ менамояд.

29. Фаъолияти ҳамоҳангсозиро бо мақомоти дахлдор ба роҳ мемонад.

30. Оид ба фаъолияти семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа, солона дар муҳлатҳои муқарраргардида ҳисобот пешниҳод менамояд.

31. Ба фаъолияти кормандони раёсат барои содир нагардидани амалҳои коррупсионӣ назорат менамояд. Дар ҳолати ошкор гардидани амали коррупсионӣ дар доираи салоҳияти худ ба роҳбари мақом, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар медиҳад ва бо онҳо ҳамкорӣ менамояд.

32. Дар тарғиби соҳаи маориф аз тариқи воситаҳои ахбори омма иштирок мекунад.

33. Дигар супоришҳои вазири маориф ва илм ва муовини ӯро иҷро менамояд.

34. Масъули назорат ва фаъолияти низоми таҳсилоти томактабӣ дар шаҳри Душанбе мебошад.

## 4. ҳуқуқҳои сардори раёсат

35. Сардори раёсат ҳуқуқҳои зерин дорад:

- дар баррасии масъалаҳои ба фаъолияти раёсат дахлдошта ва қабули қарор аз рӯи онҳо иштирок намояд;
- аз махзани маълумоти дар ихтиёри воҳидҳои сохтории Вазорат ва сохторҳои ҳудудии он қарордошта истифода намояд;
- дар доираи ваколатҳои худ дар баррасӣ ва қабули қарор аз рӯи масъалаҳои ба уҳдадориҳои вазифавии ӯ дахлдошта иштирок намояд;
- маводди дар ихтиёри Вазорат ва раёат қарордоштаро омӯзад;
- бо тартиби муқарраргардида иҷрои масъалаҳои таҳти назорати раёсат қарордоштаро аз воҳидҳои сохтории Вазорат ва сохторҳои ҳудуди он талаб намояд;
- ҷаласаҳо, машваратҳо ва дигар чорабиниҳоро, ки ба фаъолияти раёсат дахл доранд, ташкил ва гузаронад;

- барои мукаммал намудани самти кор дар доираи уҳдадориҳои вазифавӣ ва фаъолияти раёсат ба вазир ва муовини вазири маориф ва илм таклиф пешниҳод намояд;

- дар бораи таҳия, ворид намудани тағйиру иловаҳо ва ё беэътибор донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таклиф пешниҳод намояд;

- дар бораи ҳавасмандгардонии кормандони раёсат, ки ба комёбиҳои меҳнатӣ ноил гаштаанд, ба вазир ва муовини вазири маориф ва илм таклиф пешниҳод намояд;

- дар бораи ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани кормандони раёсат ба вазир ва муовини вазири маориф ва илм таклиф пешниҳод намояд;

- раёсатро дар муносибат бо дигар воҳидҳои сохторӣ ва сохторҳои минтақавии Вазорат намояндагӣ кунад.

36. Дар ҳисоботи семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаи худ санадҳои санҷишӣ (гузоришҳо) оид ба натиҷаи санҷиши фаъолияти воҳидҳои сохтории Вазорат ва сохторҳои ҳудудии он, пешниҳод ва хулосаҳо дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти раёсат дахлдошта, гузоришҳо ҷиҳати таҳкими фаъолияти раёсат ва Вазорат ба унвони вазир ва муовини вазири маориф ва илм, воҳидҳои сохтории Вазорат ва сохторҳои ҳудудии он салоҳияти имзо карданро доро мебошад.

37. Барои гирифтани рутбаҳои тахассусӣ, мукофотҳои соҳавию давлатӣ ва дигар имтиёзҳои аз тарафи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайяншуда пешниҳод мешавад.

38. Кафолатҳои иҷтимоӣ-меҳнатии худро ҳифз менамояд.

39. Сардори раёсат дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

## 5. Масъулияти сардори раёсат

40. Сардори раёсат дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

- пешниҳод кардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул, тартиб додан ва пешбурди парвандаи шахсии худ;

- риоя кардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо;

- риоя кардани интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ;

- дигар масъулияте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

41. Сардори раёсат барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ вобастакардашуда тибқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

## 6. Муқаррароти хотимавӣ

42. Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар раёсати кадрҳо ва корҳои махсус нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи раёсати мазкур ба сардори раёсат бо

гирифтани имзо, сабти ному насаб ва гузоштани сана дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ супорида мешавад.

43. Ҳангоми ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани ухдадориҳои мансабӣ аз рӯи натиҷаи аттестатсия ва ё баҳодиҳии фаъолияти солона, инчунин ҳангоми азнавташкилдиҳии раёсат ва ё Вазорат ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Дастурамали мансабии сардори раёсат мегарданд, Дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

Замимаи 2
бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «15» 01 соли 2025, №60
тасдиқ шудааст

# Дастурамали
мансабии сардори раёсати муносибатҳои байналмилалии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. Муқаррароти умумӣ

2. Сардори раёсат муносибатҳои байналмилалии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қарорҳои мушовара ва фармоишои вазир ба роҳ мемонад.

3. Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи якум мансуб аст.

4. Сардори раёсати муносибатҳои байналмилалии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд сардори раёсат) аз тарафи Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи қонунгузорӣ ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешавад.

5. Сардори раёсат ба Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботдиҳанда мебошад.

6. Ба сардори раёсат, сармутахассисон, мутахассисони пешбари раёсат ва мутахассисон, ва ҳисоботдиҳанда мебошанд.

7. Дар давраи муваққатан ҳозир набудани сардори раёсат иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии сардори раёсат ба яке аз сармутахассиси 1 раёсат вогузор карда мешавад.

8. Сардори раёсат бо роҳбарон ва кормандони сохтори дастгоҳи марказӣ, ташкилоту муассисаҳои зерсохтори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ташкилоту ширкатҳои ғайридавлатие, ки фаъолияташонро дар соҳаи маориф тибқи созишномаҳои дуҷониба бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондаанд вобаста ба самти байналмилалӣ дар доираи ухдадориҳои мансабии хеш ҳамкорӣ менамояд.

## 2. Талаботи тахассусӣ

9. Барои мансаби сардори раёсат талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси муносибатҳои байналмилалӣ ё ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм, ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ва ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва маҳорату малакаи касбии роҳбарӣ, идоракунӣ, ташкилу банақшагирии раванди кор ва кор бо зертобеон;

- тибқи талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон амал намуда, адолатнок, бовиҷдонона, беғараз инчунин, истифодаи одоби пешравӣ дар хизмати давлатиро истифода барад;

- омухтан ва аз худ кардани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст;

- донистани забони давлатӣ, забонҳои русӣ ва англисӣ ва истифодаи технологияи муосир;

10. Сардори раёсат бояд ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ҷавобгу бошад.

### 3. Уҳдадориҳои мансабии сардори раёсат

11. Фаъолияти раёсатро роҳбарӣ менамояд.

12. Банақшагирӣ ва танзими кори раёсат тибқи дастуру супоришҳои вазир ва санадҳои меъёрии ҳуқукӣ.

13. Таъмини иҷрои амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоришҳои дар Паёми солона дарҷ шуда, фармоишҳои вазир оид ба вазифаҳое, ки ба зиммаи раёсат гузошта мешаванд, назорат менамояд.

14. Омода намудани ҳисоботи даврии раёсат оид ба фаъолият, нақшаи корӣ, таҳияи ва пешниҳоди дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба роҳбарияти Вазорат.

15. Чорабиниҳои протоколии Вазоратро амалӣ менамояд.

16. Вохурию мулоқотҳои Вазирро бо намояндагони кишварҳои хориҷӣ ва роҳбарони созмонҳои байналмилалию минтақавӣ тибқи тартиби муқарраргардида доир менамояд.

17. Ҳамкориҳои мутақобилан судмандро бо намояндагиҳои кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ дар ҷумҳурӣ, сафоратхонаҳои муқуми Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои таълимӣ ва вазоратҳои маориф ва илми кишварҳои хориҷӣ тибқи тартиби муқарраргардида ба роҳ мемонад.

18. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ба роҳбарӣ гирифта, пешниҳоди давлатҳои хориҷиро оид ба бурсияҳои байниҳукуматӣ, байнидонишгоҳӣ ва байналмилалиро барои таҳсили шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқӣ тартиби муқаррааргардида корбарӣ менамояд.

19. Дар фаъолияти комиссияҳои муштараки байниҳукуматӣ иштирок менамояд.

20. Ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва муассисаҳои ҷумҳурӣ дар бахши ҳамкориҳои байналмилалӣ.

21. Ташкил ва баргузории форум, конфронс, симпозиум ва семинарҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ бо намояндагиҳои кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ.

22. Тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ба роҳ мондани қабули шаҳрвандон.

## 4. Ҳуқуқҳои сардори раёсат

23. Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти дохилидавлатӣ ва бо иҷозати вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи вазифаҳои дар наздаш гузошташуда бо мақомоти давлатии идораи маориф ва илми кишварҳои хориҷӣ, муассисаҳои таълимии берун аз ҷумҳурӣ воқеъ буда ва созмонҳои байналмилалии муқими ҷумҳурӣ ва берун аз он ҳамкориро ба роҳ мемонад.

24. Дар ҳамкорӣ бо сохтори дастгоҳи марказӣ, ташкилоту муассисаҳои системаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ сараёсат, раёсат ва шуъбаҳои маориф, мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ, вазоратҳо оид ба робитаҳои байналмилалӣ маълумот ва маводи зарурӣ ҷамъ меоварад.

25. Барои муайян намудани самтҳои асосии фаъолияти байналмиллалӣ дар соҳаи маориф ва илм ва роҳҳои афзалиятноки ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрҷониба мутахассисони соҳибтаҷрибаи муассисаҳои таълимӣ ва коршиносони хориҷиро ҷалб менамояд.

26. Дар ҳамкорӣ бо раёсатҳои дахлдори дастгоҳи марказии Вазорат оид ба тайёр намудани кадрҳо, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар хориҷи кишвар ба роҳбарияти Вазорат пешниҳодоти мушаххас манзур менамояд.

27. Барои татбиқи созишнома, тафоҳумнома ва протоколҳои ба имзорасида дар ҳамкорӣ бо ҷузъҳои таркибии дастгоҳи марказии Вазорат ва муассисаҳои тобеи он нақшаи чорабиниҳоро мураттаб месозад.

28. Барои беҳтар гардидани сифати ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи маориф ва илм ба роҳбарияти Вазорат, маҷлисҳои назоратии назди вазири маориф ва илм ва ҷаласаҳои мушовараи Вазорат масъалаҳо пешниҳод мекунад.

## 5. Масъулияти сардори раёсат

29. Сардори раёсат дорои чунин масъулият мебошад:

- ба ӯҳда гирифтани ҷавобгарӣ ва мустақилона кор кардан;
- мавҷуд набудани мамониатҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» ҳангоми таъин намудан ба мансаб ва дар мансаб будан;
- риоя намудани маҳдудиятҳое, ки мувофиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» муқаррар карда шудаанд;
- сари вақт ва ё ба таври дахлдор иҷро намудани уҳдадориҳои мансабӣ, риоя кардани интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ;

- пешниҳод намудани эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи амволӣ дар мӯҳлатҳои муқарраргардида;

- роҳ надодан ба истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти давлатӣ, ки барои уҳдадориҳои мансабӣ ҷудо карда шудаанд;

- риоя кардани меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ;

- дигар масъулиятҳое, ки санадҳои маъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд;

- бо мақомоти давлатӣ, мақомотҳои марбути кишварҳои хориҷӣ, созмону ташкилотҳои байналмилалӣ ва муассисаҳои таълимӣ кор карда тавонистан;

- зоҳир кардани ташаббускорӣ дар қабули қарорҳо дар доираи салоҳияти худ.

## 6. Муқаррароти хотимавӣ

30. Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи хадамоти кадрӣ ба сардори раёсати муносибаҳои байналмилалӣ бо гирифтани имзо, сабти ному насаб ва гузоштани сана дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ супорида мешавад.

31. Ҳангоми ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани уҳдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқи хизматчии давлатии маъмурӣ аз рӯи натиҷаи аттестатсия ва ё баҳодиҳии фаъолияти солона, инчунин ҳангоми азнавташкилдиҳии раёсат ва ё Вазорат ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Дастурамали мансабии сардори раёсат мегарданд, Дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

Замимаи 4
бо фармоиши вазири маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «15» 01 соли 2025, №60
тасдиқ шудааст

Дастурамали
мансабии сармутахассиси 2-и раёсати муносибатҳои байналмилалии
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Муқаррароти умумӣ

1. Номи мансаб - сармутахассиси 2-и раёсати муносибатҳои байналмилалии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи панҷум мансуб аст.

3. Сармутахассиси 2-и раёсати муносибатҳои байналмилалии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - сармутахассиси 2-и раёсат) аз тарафи вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - вазири маориф ва илм) мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешавад.

4. Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба сардори раёсати муносибатҳои байналмилалии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - сардори раёсат) тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

5. Дар давраи муваққатан ҳозир набудани сармутахассиси 1-и раёсат, иҷрои уҳдадориҳои мансабии ӯ ба сармутахассиси 2-и раёсат ва дар давраи муваққатан ҳозир набудани сармутахассиси 2-и раёсат, иҷрои уҳдадориҳои мансабии ӯ ба сармутахассиси 1-и раёсат вогузор карда мешавад.

6. Сармутахассиси 2-и раёсат оид ба фаъолияти семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаи худ ва ҳангоми баҳогузории фаъолияти худ дар муҳлатҳои муқарраргардида ҳисобот пешниҳод менамояд.

7. Сармутахассиси 2-и раёсат бо роҳбарон ва кормандони дахлдори воҳидҳои сохтории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Вазорат), сохторҳои ҳудудии он ва вазорату кумитаҳо дар доираи уҳдадориҳои мансабии худ тибқи тартиби муқарраргардида ҳамкорӣ менамояд.

2.Талаботи тахассусӣ

8. Барои ишғолкунандаи мансаби сармутахассиси 2-и раёсат талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

- таҳсилоти олии касбии муносибатҳои байналмилалӣ ё гуманитарӣ;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии сармутахассиси 2-и раёсатро ба танзим медароранд;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва як забони хориҷӣ;

- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

- на камтар аз 1 маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;

- малакаи кор бо компютер ва дигар технологияҳои иттилоотӣ.

9. Сармутахассиси 2-и раёсат бояд ба талаботи махсус ҷавоб диҳад:

- дорои донишу малака барои истифодабарии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, илм ва муносибатҳои байналмилалӣ бошад.

3. Уҳдадориҳои мансабии сармутахассиси 2-и раёсат

10.Татбиқи амалии қарорҳои ҷаласаи мушовара, маҷлиси назоратии назди вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармонҳои Вазорат, ки ба таҳсилоти байналмилалӣ марбутанд.

11.Таҳияи лоиҳаи ҳисобот, нақшаи кории ҳамкориҳои байналмилалӣ, маълумотнома, мактуб ва ҳуҷҷатҳои марбут ба соҳа ва пешниҳоди онҳо ба роҳбарияти раёсат ва Вазорат.

12.Ҳисобот, нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи масъалаҳои марбут ба ҳамкорӣ дар соҳаи таҳсилоти байналмилалӣ, маълумотнома, мактуб ва ҳуҷҷатҳои дигарро ҷиҳати пешниҳод ба роҳбарияти раёсат омода ва таҳия менамояд.

13.Иҷрои бандҳои «Низомномаи Комиссияи ҷумҳуриявӣ оид ба интихоб ва тайёр намудани кадрҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмии давлатҳои хориҷӣ»-ро дар якҷоягӣ бо Муассисаи давлатии “Маркази барномаҳои байналмилалӣ”таъмин менамояд.

14.Таҳсили шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки дар муассисаҳои таълимии хориҷи кишвар, ки тариқи бурсияҳо таҳсил менамоянд, дар якҷоягӣ бо Муассисаи давлатии “Маркази барномаҳои байналмилалӣ” назорат менамояд.

15.Ба роҳ мондани ҳамкорҳо бо вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва муассисаҳои ҷумҳурӣ дар бахши ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи маориф ва илм.

16.Пешниҳоди саривақтии маълумот ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ барои ҳисоботи раёсат.

17.Иҷрои супоришҳои марбут ба ташкил ва гузаронидани форум, конфронс, симпозиум ва семинарҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дошта дар соҳаи маориф ва илм.

18.Иҷро ва назорати саривақтии мактубҳои ба раёсат воридгардида ва супоришҳои роҳбарияти раёсат ва вазорат.

19.Мусоидат дар тасдиқ, эътироф ва баробарарзишии ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот, унвон ва дараҷаҳои илмӣ, ки аз ҷониби муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ дода шудаанд.

20. Фаъолияти тарҷумонӣ дар соҳаи маориф ва илм.

21. Дар ҳолати ошкор гардидани амали коррупсионӣ дар доираи салоҳияти худ ба роҳбари мақом, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар медиҳад ва бо онҳо ҳамкорӣ менамояд.

22. Дар таҳияи лоиҳаи Дастурамали мансабии худ иштирок менамояд.

23. Мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, ҷавоб омода менамояд.

24. Бо супориши сардори раёсат дар кори комиссияҳо, гурӯҳҳои кории мақомоти давлатӣ, ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои мақомоти давлатӣ иштирок намуда, ба роҳбари воҳиди сохторӣ гузориш/ҳисобот пешниҳод менамояд.

4. Ҳуқуқҳои сармутахассиси 2-и раёсат

25. Сармутахассиси 1-и раёсат ҳуқуқҳои зерин дорад:

- дар баррасии масъалаҳои ба фаъолияти раёсат дахлдошта ва қабули қарор аз рӯи онҳо иштирок намояд;
- аз воҳидҳои сохтории Вазорат ва сохторҳои ҳудудии дахлдори он маълумот ва маводҳои барои иҷрои босифат ва саривақтии уҳдадориҳои мансабӣ зарурро бо тартиби муқарраргардида гирад;
- аз махзани маълумоти дар ихтиёри воҳидҳои сохтории Вазорат ва сохторҳои ҳудудии он қарордошта истифода намояд;
- дар доираи ваколатҳои худ дар баррасӣ ва қабули қарор аз рӯи масъалаҳои ба уҳдадориҳои мансабии ӯ дахлдошта иштирок намояд;
- ба роҳбари воҳиди сохторӣ ва ё роҳбари мақоми давлатӣ дар доираи уҳдадориҳои мансабӣ ва функсияҳои воҳиди сохторӣ оид ба мукаммал намудани самти кор таклиф пешниҳод намояд;
- маводи дар ихтиёри Вазорат қарордоштаро омӯзад;
- дар бораи таҳия, ворид намудани тағйиру иловаҳо ва ё беэътибор донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти раёсат дахлдошта таклиф пешниҳод намояд;
- дар гузаронидани ҷаласаҳо, машваратҳо ва дигар чорабиниҳо, ки ба фаъолияти раёсат дахл доранд, иштирок намояд;
- аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ба такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ фаро гирифта шавад.

26. Барои гирифтани рутбаҳои тахассусӣ, мукофотҳои соҳавию давлатӣ ва дигар имтиёзҳои аз тарафи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайяншуда пешниҳод мешавад.

27. Кафолатҳои иҷтимоӣ-меҳнатии худро ҳифз менамояд.

28. Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи вазифаҳои дар наздаш гузошташуда бо мақомоти давлатии идораи маорифи кишварҳои хориҷӣ, муассисаҳои таълимии берун аз ҷумҳурӣ воқеъ буда ҳамкорӣ мекунад.

29. Дар ҳамкорӣ бо ҷузъҳои таркибии дастгоҳи марказии Вазорат, муассисаҳои тобеи он, донишкадаву донишгоҳҳои ҷумҳурӣ новобаста аз тобеияташон, шӯъбаву идораҳои маориф, вазоратҳо ва дигар муассисаҳои давлатии ҷумҳурӣ оид ба робитаҳои байналмилалӣ маълумот ва маводи зарурӣ ҷамъ меоварад.

30. Барои татбиқи созишномаҳо, тафоҳумномаҳо ва протоколҳои ба имзорасида дар ҳамкорӣ бо ҷузъҳои таркибии дастгоҳи марказии Вазорат ва муассисаҳои тобеи он нақшаи чорабиниҳо мураттаб месозад.

31. Сармутахассиси 2-и раёсат дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

5. Масъулияти сармутахассиси 2-и раёсат

32. Сармутахассиси раёсат дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

- барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани вазифаҳои раёсат ва уҳдадориҳои мансабӣ, ки дар Дастурамали мансабии мазкур пешбинӣ шудаанд;

- барои пешниҳод накардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, дар мансаб будан, тартиб додан ва пешбурди делои шахсии худ;

- барои риоя накардани маҳдудиятҳо ва дигар талаботҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд;

- барои риоя накардани муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» ва Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- барои пешниҳод накардан ва/ё пешниҳоди нодурусти эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи молумулкӣ дар мӯҳлатҳои муқарраргардида;

- барои ошкор намудани сирри хизматӣ, давлатӣ ва дигар сирре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;

- барои риоя накардани интизоми меҳнат, қоидаҳои тартиботи дохилӣ;

- барои ғайримақсаднок истифода бурдан ва ё вайрон намудани моликияти давлатии вобаста кардашуда;

- дигар масъулияте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

33. Сармутахассиси 2-и раёсат барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ вобастакардашуда тибқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

6. Муқаррароти хотимавӣ

34. Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи хадамоти кадрӣ ба сармутахассиси 2-и раёсати муносибатҳои байналмилалӣ бо гирифтани имзо, сабти ному насаб ва гузоштани сана дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ супорида мешавад.

35. Ҳангоми тағйир ёфтани уҳдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқи хизматчии давлатии маъмурӣ аз рӯи натиҷаи аттестатсия ва ё баҳодиҳии фаъолияти солона, инчунин ҳангоми азнавташкилдиҳии раёсат ва ё Вазорат ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Дастурамали мансабии

сармутахассиси 2-и раёсат мегарданд, Дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

Замимаи 3
бо фармоиши вазири маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «13»12 соли 2024, №1432

тасдиқ шудааст

Дастурамали
мансабии сармутахассиси шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатии вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Муқаррароти умумӣ

1. Номи мансаб - сармутахассиси шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи панҷум мансуб аст.

3. Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба сардори шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд сардори шуъба) тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

4. Сармутахассиси шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд сармутахассиси шуъба) аз тарафи вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд вазири маориф ва илм) мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва риояи талаботҳои зерин ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад:

5. Дар давраи муваққатан ҳозир набудани сардори шуъба иҷрои уҳдадориҳои мансабии ӯ ба сармутахассиси шуъба ва дар давраи муваққатан ҳозир набудани сармутахассиси шуъба иҷрои уҳдадориҳои мансабиаш ба мутахассиси пешбари шуъба вогузор карда мешаванд.

6. Сармутахассиси шуъба бо раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Вазорат) ва муассисаҳои тобеи он, вазорату кумитаҳои дахлдор, раёсату шуъбаҳои маориф, муассисаҳои таҳсилотӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ менамояд.

2. Талаботи тахассусӣ

7. Барои мансаби сармутахассиси шуъба талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

-таҳсилоти олии касбии иқтисодӣ;

-3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;

-донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии сармутахассиси шуъбаро ба танзим медароранд;

- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

-на камтар аз 1 маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;

-кор карда тавонистан бо компютер.
8. Сармутахассиси шуъба бояд ба талаботи махсус ҷавоб диҳад:
- дорои донишу малака барои истифодабарии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хизмати давлатӣ (меҳнат) бошад.
3. Уҳдадориҳои сармутахассиси шуъба
9. Дар санҷишҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба самтҳои фаъолияти шуъба тибқи тартиби муқарраргардида иштирок намуда, аз натиҷаи он ҳисобот пешниҳод менамояд.
10. Барои таҳияи нақшаи кори шуъба ва дигар нақшаи чорабиниҳо ба сардори шуъба таклиф пешниҳод менамояд.
11. Ҳисоботи озмунҳои дар доираи маблағҳои буҷети гузаронидашударо сари вақт тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ" ба мақоми ваколатдор пешниҳод менамояд.
12. Дар омода намудани нақшаи хариди солонаи Вазорати маориф ва илм аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ саҳм мегузорад ва ба сардори шуъба таклиф пешниҳод менамояд.
13. Назорати иҷрои қарорҳо, фармонҳои мақомоти болоӣ ва Вазоратро, ки дар салоҳияти шуъба мебошад, таъмин менамояд.
14. Ҳуҷҷатҳои озмуниро саривақт таҳия ва ҷо ба ҷо мегузорад.
15. Маълумотҳои ҳисоботиро аз рӯйи бахшҳо таҳлил менамояд, рафти ҷараёни тайёр намудани ҳуҷҷатҳои озмунӣ ва гузаронидани озмунро назорат намуда, оид ба он хулосаҳои зарурӣ мебарорад.
15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ", амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, "Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон", Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ, Дастурамали мансабии мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба рушди ислоҳоти соҳаи маорифро риоя менамояд.
16. Ба дархости мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандон ҷавобҳои дахлдор омода менамояд.
17. Супоришҳои роҳбарияти Вазорати маориф ва илмиро, ки дар самти фаъолияти шуъба алоқаманд мебошад, мунтазам иҷро менамояд.
18. Тамоми ҳуҷҷатҳои озмуниро дар доираи маблағҳои буҷети давлатӣ ва ё суратҳисоби махсуси Вазорати маориф ва илм ва муассисаҳои тобеи Вазорати маориф ва илм доирмешударо тибқи талаботи сардори шуъба ҷо ба ҷо гузошта, дар ҷузвдонҳо нигоҳ медорад.
19. Дигар дастуру супоришҳоро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ичро менамояд. Инчунин, дастуру супоришҳое, ки аз қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷлисҳои назоратии назди вазири маориф ва илми ва илм ва муовиниони ӯ, фармоишҳои вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақшаҳои кори нимсола ё солонаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сардори шуъба бармеоянд, иҷро менамояд.
20. Донишу малакаи касбии худро барои бо сифати баланд иҷро шудани уҳдадориҳои мансабӣ сарф менамояд.

## 4.Ҳуқуқҳои сармутахассиси шуъба

21. Сармутахассиси шуъба ҳуқуқҳои зеринро дорад:

- аз мақомоти дахлдор маълумотҳои оморӣ ва маводҳои барои иҷрои босифат ва саривақтии уҳдадориҳои мансабии зарурриро бо тартиби муқарраргардида гирад;
- аз махзани маълумоти дар ихтиёри мақомоти марказӣ қарордошта истифода намояд;
- дар доираи ваколатҳои худ дар баррасӣ ва қабули қарор аз рӯи масъалаҳои ба уҳдадориҳои мансабии ӯ дахлдошта иштирок намояд;
- ба роҳбари воҳиди сохторӣ ва ё роҳбари мақоми давлатӣ дар доираи уҳдадориҳои мансабӣ ва функсияҳои воҳиди сохторӣ оид ба мукаммал намудани самти кор таклиф пешниҳод намояд;
- маводи дар ихтиёри шуъба қарордоштаро омӯзад;
- барои бекор кардани қарорҳои мақомоти давлатӣ, ки хилофи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ мебошанд, таклиф пешниҳод намояд;
- дар бораи таҳия, ворид намудани тағйиру иловаҳо ва ё беэътибор донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти шуъба дахлдошта таклиф пешниҳод намояд;
- дар гузаронидани ҷаласаҳо, машваратҳо ва дигар чорабиниҳо, ки ба фаъолияти шуъба дахл доранд, иштирок намояд;
- дар дохили ҷумҳурӣ ва дар хориҷа такмили ихтисос намуда, малакаи худро бо тариқи таълим ва таҷрибаомӯзӣ баланд бардорад.

22. Дар ҳисоботи семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаи худ, санадҳои санҷишӣ (гузоришҳо) оид ба натиҷаи санҷиши фаъолияти муассисаҳои сохтории вазорат ва сохторҳои ҳудудии он, пешниҳодҳо ва хулосаҳо дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти шуъба дахлдошта, гузоришҳо ҷиҳати таҳкими фаъолияти вазорат ва шуъба ба унвони сардори шуъба салоҳияти имзо карданро доро мебошад.

23. Барои гирифтани рутбаҳои тахассусӣ, мукофотҳои соҳавию давлатӣ ва дигар имтиёзҳои аз тарафи қонунгузории ҷумҳурӣ муайяншуда пешниҳод шавад.

24. Кафолатҳои иҷтимоӣ-меҳнатии худро ҳифз намояд.

25. Дар ҳолати вайрон кардани интизоми меҳнат бо натиҷаи санади санҷиши фаъолияти худ ва даровардани тағйирот ба он шинос шавад.

26. Сармутахассиси шуъба дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

## 5.Масъулияти сармутахассиси шуъба

27. Сармутахассиси шуъба дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

- пешниҳод кардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, тартиб додан ва пешбурди делои шахсии худ;
- мавҷуд набудани мамониатҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» барои таъин намудан ба мансаб ва дар мансаб будан;

- риоя кардани маҳдудиятҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» муқаррар намудаанд;

- ошкор накардани сирри хизматӣ, давлатӣ ва дигар сирре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;

- риоя кардани меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ;

- риоя кардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо;

- риоя кардани интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ;

- ба таври дуруст пешниҳод кардани эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи амволии хизматчии давлатии маъмурӣ дар мӯҳлатҳои муқарраргардида;

- дигар масъулияте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

28. Сармутахассиси шуъба барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ вобастакардашуда тибқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

5. Муқаррароти хотимавӣ

29. Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи хадамоти кадрӣ ба сармутахассиси шуъба бо гирифтани имзо, сабти ному насаб ва гузоштани сана дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ супорида мешавад.

30. Ҳангоми ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани ухдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқи хизматчии давлатии маъмурӣ аз рӯи натиҷаи аттестатсия ва ё баҳодиҳии фаъолияти солона, инчунин ҳангоми азнавташкилдиҳии шуъба ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Дастурамали мансабии сармутахассиси шуъба мегарданд, Дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

Замимаи 8
бо фармоиши вазири маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «03» 01 соли 2025, №23
тасдиқ карда шудааст

Дастурамали
мансабии мутахассиси пешбари 3 раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдаки
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Муқаррароти умумӣ

1. Номи мансаб - мутахассиси пешбари 3 раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдаки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи шашум мансуб аст.

3. Мутахассиси пешбари 3 раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдаки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мутахассиси пешбар 3) аз тарафи вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - вазири маориф ва илм) мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин ва озод карда мешавад.

4. Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба сардори раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдаки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - сардори раёсат) тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

5. Дар давраи муваққатан ҳозир набудани мутахассиси пешбари 2 раёсат иҷрои уҳдадориҳои мансабии ӯ ба мутахассиси пешбари 3 ва дар давраи муваққатан ҳозир набудани мутахассиси пешбари 3 иҷрои уҳдадориҳои мансабиаш ба мутахассис раёсат вогузор карда мешавад.

6. Мутахассиси пешбари 3 бо кормандони раёсату шубаҳои дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои тобеи он, вазорату кумитаҳои дахлдор, раёсату шуъбаҳои маориф, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ҳамкорӣ менамояд.

2. Талаботи тахассусӣ

7. Барои мансаби мутахассиси пешбари 3 талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

- таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- қобилияти ба ӯҳда гирифтани ҷавобгарӣ ва мустақилона кор кардан;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии мутахассиси пешбари 3-ро ба танзим медароранд;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ ва забони давлатӣ;
- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- истифода бурда тавонистани таҷҳизоти иттилоотии замонавӣ, аз ҷумла барномаҳои Microsoft Office (Word, Power point, Excel);

- дониш ва малака барои истифодабарии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хизмати давлатӣ;

- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

### 3. Уҳдадориҳои мансабӣ

8. Мутахассиси пешбари 3 дорои уҳдадориҳои зерини мансабӣ мебошад:

- дар давраи муваққатан набудани мутахассиси пешбари 2 раёсат уҳдадориҳои мансабии ӯро иҷро намояд;

- дар таҳия ва пешниҳоди лоиҳаҳои қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахддор иштирок менамояд;

- аз рафти иҷрои қонунҳо, барномаҳо, стратегияҳо, консепсияҳо, нақшаи миллии амалҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии вобастабуда тибқи мухлати муайяншуда маълумотнома ё ҳисобот омода менамояд;

- оид ба масъалаҳои дахлдори дар салоҳияташ буда мактубҳои дастурӣ ва ҳуҷҷатҳои дигарро таҳия менамояд;

- дархостҳо ва ҳисоботи роҳбарони воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказии Вазорат ва муассисаҳои тобеъро оид ба вазъи самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак қабул намуда, таҳлилҳо мегузаронад;

- мурочиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, ба онҳо ҷавоб омода менамояд;

- дар мухлатҳои муқарраргардида эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи амволии хизматчии давлатии маъмурӣ пешниҳод менамояд;

- дар санҷиши фаъолияти воҳидҳои сохтории Вазорат ва сохторҳои ҳудудии он оид ба риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа иштирок мекунад ва аз натиҷаи санҷиш ҳисобот манзур менамояд;

- дар ҳолати ошгор гардидани амали коррупсионӣ дар доираи салоҳияти худ ба роҳбари мақом, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар медиҳад ва бо онҳо ҳамкорӣ менамояд;

- дар таҳияи лоиҳаи дастурамали мансабии худ иштирок менамояд;

- лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки аз тарафи дигар мақомоти давлатӣ барои мувофиқа пешниҳод карда шудаанд, мустақилона ё дар якҷояги бо кормандони раёсат баррасӣ намуда, хулосаи раёсатро омода менамояд;

- бо супориши сардори раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар кори комиссияҳо, гурӯҳҳои кории мақомоти давлатӣ, ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои мақоми давлатӣ иштирок менамояд;

- масъули коргузории раёсат буда, сабти ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротии раёсатро иҷро намуда, нигоҳдории онҳоро дар парвандаҳои муқарраргардида таъмин менамояд;

- оид ба гардиши ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва натиҷаи баррасии онҳо ба сардори раёсат ахбороти ҳарҳафтаина ва моҳона пешниҳод менамояд;

- ҳар рӯз оид ба ҳаракати мавод дар дафтарҳои бақайдгирӣ қайдҳо мегузорад;

- муқоваи парвандаҳои ташкилшавандаро тибқи феҳрист тартиб (ҷузъбандӣ, рақамгузории варақаҳо, навиштаҷоти тасдиқкунанда) медиҳад, пеш мебарад, муросилотро бо тартиби муқарраргардида омода намуда, нигоҳдорӣ ва ба бойгонӣ супоридани онҳоро таъмин менамояд;

- якҷоя бо қисми коргузорӣ рӯйхати парвандаҳои муҳлати нигоҳдориаш доимиро тартиб медиҳад;

- дигар супоришҳои сардори раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдакро тибқи тартиби муқаррарнамуда иҷро менамояд.

## 4. Ҳуқуқҳо

9. Мутахассиси пешбари 3 ҳуқуқҳои зерин дорад:

- аз роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва хизматчиёни мақоми давлатӣ, сохторҳои системаи он оид ба масъалаҳои вобаста ба салоҳияти соҳа мутобиқи тартиби муқарраргардида маълумот дархост намояд;

- дар доираи ваколатҳои худ дар баррасӣ ва қабули қарор аз рӯи масъалаҳои ба ӯҳдадориҳои мансабии ӯ дахлдошта иштирок намояд;

- бо тартиби муқарраргардида машварату семинарҳо ташкил намояд;

- аз раёсат, шуъба, бахш, муассисаҳои тобеи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаю ташкилот маълумоти заруриро талаб намояд;

- семинар ва сӯҳбату вохӯриҳоро бо намояндагони комиссияҳои ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдаки мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, раёсату шуъбаи маориф ва муассисаҳои таълимӣ ташкил намояд;

- дар гузаронидани ҷаласаҳо, машваратҳо ва дигар чорабиниҳо, ки ба фаъолияти раёсат дахл доранд, иштирок намояд;

- аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ба такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ фаро гирифта шавад;

- дар ҳолати вайрон кардани интизоми меҳнат, ба натиҷаи санади санҷишии фаъолияти худ ва ворид намудани тағйирот ба он шинос шавад;

- барои гирифтани рутбаҳои тахассусӣ, мукофотҳои соҳавию давлатӣ ва дигар имтиёзҳои аз тарафи қонунгузории ҷумҳурӣ муайяншуда пешниҳод шавад;

- дар назди сардори раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ҷиҳати рафти ислоҳоти соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ва камбудиҳои ошкоргардида дар самти ҳифзи ҳуқуқи кӯдак пешниҳод манзур намояд;

- мутахассиси пешбари 3 дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

## 5. Масъулият

10. Мутахассиси пешбари 3 дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

- пешниҳод кардани маълумоти дуруст ҳангоми аз тарафи мақомоти дахлдори болоӣ талаб намудан;

- риоя кардани маҳдудиятҳое, ки аз тарафи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст;

- риоя кардани меъёрҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ;

- риоя кардани интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ;

- пешниҳод кардани эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи амволии хизматчии давлатии маъмурӣ дар муҳлатҳои муқарраргардида;

- дигар масъулияте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

11. Мутахассиси пешбари 3 барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ вобастакардашуда тибқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

## 6. Муқаррароти хотимавӣ

12. Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар раёсати кадрҳо ва корҳои махсус нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи раёсати кадрҳо ва корҳои махсус ба мутахассиси пешбари 3 бо гирифтани имзо, сабти ному насаб ва гузоштани сана дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ супорида мешавад.

13. Ҳангоми ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани уҳдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқи мутахассиси пешбари 3 аз рӯи натиҷаи аттестатсия ва ё баҳодиҳии фаъолияти солона, инчунин ҳангоми азнавташкилдиҳии раёсат ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Дастурамали мансабии мутахассиси пешбари 3 мегарданд, Дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

Замимаи 6

Бо фармоиши вазири маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «27» 12 соли 2024, №1500
тасдиқ карда шудааст

Дастурамали
мансабии мутахассиси пешбари 1-и раёсати илм ва инноватсияи
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Муқаррароти умумӣ

1. Номи мансаб - мутахассиси пешбари 1-и раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи шашум мансуб аст.

3. Мутахассиси пешбари 1-и раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-мутахассиси пешбари раёсат) аз ҷониби вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-вазири маориф ва илм) мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешавад.

4. Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба сардори раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илм (минбаъд- сардори раёсат) тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

5. Дар давраи муваққатан ҳозир набудани мутахассиси пешбари 1-и раёсат уҳдадориҳои мансабии ӯ ба мутахассиси пешбари 2-и раёсат ва дар давраи муваққатан ҳозир набудани мутахассиси пешбари 2-и раёсат уҳдадориҳои мансабии ӯ ба мутахассиси пешбари 1-и раёсат вогузор карда мешавад.

6. Оид ба фаъолияти семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа, солона дар муҳлати муқарраршуда ҳисобот таҳия ва пешниҳод менамояд.

7. Мутахассиси пешбари 1-и раёсат бо роҳбарон ва кормандони дахлдори воҳидҳои сохтории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд- Вазорат), дар доираи уҳдадориҳои мансабии худ тибқи тартиби муқарраргардида ҳамкорӣ менамояд.

2.Талаботи тахассусӣ

8. Барои мансаби мутахассиси пешбари 1-и раёсат талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

- таҳсилоти олии касбии гуманитарӣ, техникӣ ё табиӣ;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии мансаби мазкурро ба танзим медароранд;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- на камтар аз 1 маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;
- малакаи кор бо компютер ва технологияи иттилоотӣ.

9. Мутахассиси пешбари 1-и раёсат бояд ба талаботи махсус ҷавоб диҳад:

- дорои донишу малака барои истифодабарии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва илм бошад.

## 3.Уҳдадориҳои мансабии мутахассиси пешбари 1-и раёсат

10. Ташкил ва назорати тайёр кардани кадрҳои илмӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ.

11. Назорати фаъолияти шӯроҳои илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ оид ба баррасии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва инноватсионӣ.

12. Протоколи ҷаласаҳои машваратии назди сардори раёсатро тартиб медиҳад.

13. Дар таҳияи лоиҳаи Дастурамали мансабии худ иштирок менамояд.

14. Омӯзиши заминаи моддӣ ва кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва пешниҳод намудани онҳо барои кушодани шуъбаҳои аспирантура ва докторантура.

15. Назорати ҷараёни иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ, татбиқи фармонҳои вазир, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ.

16. Дар мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ ва рафти иҷрои санадҳои меъёрии марбути раёсат иштирок менамояд.

17. Дар давраи муваққатан набудани сармутахассиси 3-и раёсат уҳдадориҳои мансабиашро иҷро менамояд.

18. Супоришҳои иловагии сардори раёсатро дар доираи кори раёсат иҷро менамояд.

19. Озмуни ҷумҳуриявии олимони ҷавон «Нововари беҳтарин»-ро доир менамояд.

20. Санадҳои меъёриву ҳуқуқии зеринро назорат ва иҷро менамояд:

- Назорати рафти иҷрои «Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

- Нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2020-2025 оид ба амалигардонии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон намудани солҳои 2020-2040;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ» аз 21 июли соли 2010, №629.

21. Дар ҳолати ошкор гардидани амали коррупсионӣ дар доираи салоҳияти худ ба роҳбари мақоми ваколатдор, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар медиҳад ва бо онҳо ҳамакорӣ менамояд.

## 4. Ҳуқуқҳои мутахассиси пешбари 1-и раёсат

22. Мутахассиси пешбари 1-и раёсат ҳуқуқҳои зерин дорад:

- дар баррасии масъалаҳои доираи уҳдадориҳои мансабӣ ва қабули қарор аз рӯи онҳо иштирок намояд;

- маводҳои дар ихтиёри Вазорат ва раёсат қарордоштаро омӯзад;

- бо тартиби муқаррargardida аз мақомоти дахлдор маълумот ва маводҳои барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ заруриро талаб карда гирад;

- барои бекор кардани қарорҳои мақомоти давлатӣ, ки хилофи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ мебошанд, таклиф пешниҳод намояд;

- дар гузаронидани ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳо, ки ба фаъолияти раёсат дахл доранд, иштирок намояд;

- ҷиҳати таҳкими фаъолияти раёсат ва Вазорат таклиф пешниҳод намояд.

23. Барои гирифтани рутбаҳои тахассусӣ, мукофотҳои соҳавию давлатӣ ва дигар имтиёзҳои аз тарафи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайяншуда пешниҳод мешавад.

24. Кафолатҳои иҷтимоӣ-меҳнатии худро ҳифз менамояд.

25. Мутахассиси пешбари 1-и раёсат дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

## 5.Масъулияти мутахассиси пешбари 1-и раёсат

26. Мутахассиси пешбари 1-и раёсат дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

- барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани вазифаҳои раёсат ва уҳдадориҳои мансабӣ, ки дар дастурамали мансабии мазкур пешбинӣ шудаанд;

- барои пешниҳод накардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, дар мансаб будан, тартиб додан ва пешбурди делои шахсии худ;

- барои риоя накардани маҳдудиятҳо ва дигар талаботҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд;

- барои риоя накардани муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» ва Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- барои пешниҳод накардан ва ё пешниҳоди нодурусти эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи молумулкӣ дар муҳлатҳои муқарраргардида;

- барои ошкор намудани сирри хизматӣ, давлатӣ ва дигар сирре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷусҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;

- барои риоя накардани интизоми меҳнат, қоидаҳои тартиботи дохилӣ;

- барои ғайримақсаднок истифода бурдан ва ё вайрон намудани моликияти давлатии вобастакардашуда;

- дигар масъулияте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

27. Мутахассиси пешбари 1-и раёсат барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ вобастакардашуда тибқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

## 6. Муқаррароти хотимавӣ

28. Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи хадамоти кадрӣ ба мутахассиси пешбари раёсат бо гирифтани имзо, сабти ному насаб ва гузоштани сана дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ супорида мешавад.

29. Ҳангоми ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани уҳдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқи хизматчии давлатии маъмурӣ аз рӯи натиҷаи аттестатсия ва ё баҳодиҳии фаъолияти солона, инчунин ҳангоми азнавташкилдиҳии раёсат ва ё Вазорат ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Дастурамали мансабии мутахассиси пешбари 1-и мегарданд, Дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

Замимаи 4
бо фармоиши вазири маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «13»12 соли 2024, №1432
тасдиқ шудааст

Дастурамали
мансабии мутахассиси пешбари шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Муқаррароти умумӣ

1. Номи мансаб - мутахассиси пешбари шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи шашум мансуб аст.

3. Мутахассиси пешбари шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд мутахассиси пешбари шуъба) аз тарафи вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд вазири маориф ва илм) мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад:

4. Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба сардори шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – сардори шуъба) тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

5. Дар давраи муваққатан ҳозир набудани сармутахассиси шуъба уҳдадориҳои мансабии ӯ ба мутахассиси пешбари шуъба ва дар давраи муваққатан ҳозир набудани мутахассиси пешбари шуъба уҳдадориҳои мансабиаш ба сармутахассиси шуъба вогузор карда мешавад.

6. Мутахассиси пешбари шуъба бо раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Вазорат) ва муассисаҳои тобеи он, вазорату кумитаҳои дахлдор, раёсату шуъбаҳои маориф, муассисаҳои таҳсилотӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ менамояд.

2.Талаботи тахассусӣ

7. Барои мансаби мутахассиси пешбари шуъба талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

-таҳсилоти олии касбии иқтисодӣ;

-1 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 2 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.

-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;

-донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии мансаби мазкурро ба танзим медароранд;

- мавҷудияти малакаи хуби муоширaт, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

- на камтар аз 1 маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;

-кор карда тавонистан бо компютер.

8. Мутахассиси пешбари шуъба бояд ба талаботи махсус ҷавоб диҳад:

-дорои донишу малака барои истифодабарии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хизмати давлатӣ бошад.

3.Уҳдадориҳои мутахассиси пешбари шуъба

9. Дар таҳияи пешниҳодҳо оид ба муайянкунии сиёсати давлатӣ дар самти фаъолияти Вазорат иштирок мекунад.

10. Таъмини иҷрои қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, "Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон", қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ, Дастурамали мансабии мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба рушди ислоҳоти соҳаи маориф.

11. Ба дархости мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандон ҷавобҳои дахлдор омода менамояд.

12. Корро оид ба мутобиққунии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав қабулшуда амалӣ менамояд.

13. Маълумотномаҳоро ҷиҳати самти фаъолияти шуъба омода менамояд.

14. Дар асоси маводҳои пешниҳоднамудаи раёсатҳо, шуъбаҳо, бахшҳои дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илм ва муассисаҳои тобеи он маълумотнома ва ҳисоботҳоро доир ба баромадҳои вазири маориф ва илм ва муовинони ӯ дар мушовараҳои ҷамъбастӣ, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар чорабиниҳо омода менамояд.

15. Супоришҳои роҳбариятро, ки ба фаъолияти соҳа вобаста мебошад, мунтазам иҷро менамояд.

16. Воситаҳои техникии дар ихтиёри ӯ гузошташударо дар ҳолати хуби техникӣ нигоҳ медорад.

17. Ҳуҷҷатҳоро барои баррасӣ дар мушовараи Вазорат тайёр менамояд. Ҳуҷҷатҳое, ки аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз дигар вазорату идораҳо ба шуъба ворид мешаванд, иҷро менамояд.

18. Мактуб ва дархостҳои вазорату идораҳо, муассисаҳои давлатиро сари вақт дида мебарояд.

19. Ба аризаҳои хаттӣ ва шифоҳии шаҳрвандон, ки ба шуъба ворид мешаванд, ҷавоб омода месозад.

20. Омодагии муассисаҳои таълимӣ ба давраи тирамоҳу зимистон, риояи техникаи бехатарӣ аз сӯхтор, вазъи санитарию гигиенӣ ва ғайраҳоро назорат мебарад.

21. Нақшаи корӣ ва қарорҳои мушовараи Вазорат, фармоишҳои вазири маориф ва илм оид ба масъалаҳои ба зиммаи шуъба гузошташударо иҷро менамояд.

22. Ҳисоботи ҷамъбасти семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаро, ки ба самти фаъолияти шуъба тааллуқ дорад, омода менамояд.

23. Барои бо сифати баланд омода шудани дастуру супоришҳо тамоми донишу малакаи худро истифода менамояд.

4. Ҳуқуқҳои мутахассиси пешбари шуъба

23. Мутахассиси пешбари шуъба ҳуқуқҳои зеринро дорад:

-аз мақомоти дахлдор маълумотҳои оморӣ ва маводҳои барои иҷрои босифат ва саривақтии ӯҳдадориҳои мансабии заруррнро бо тартиби муқарраргардида гирад;

-аз махзани маълумоти дар ихтиёри мақомоти марказӣ қарордошта истифода намояд;

-дар доираи ваколатҳои худ дар баррасӣ ва қабули қарор аз рӯи масъалаҳои ба ӯҳдадориҳои мансабии ӯ дахлдошта иштирок намояд;

-ба роҳбари воҳиди сохторӣ ва ё роҳбари мақоми давлатӣ дар доираи ӯҳдадориҳои мансабӣ ва функсияҳои воҳиди сохторӣ оид ба мукаммал намудани самти кор таклиф пешниҳод намояд;

-маводи дар ихтиёри шуъба қарордоштаро омӯзад;

-барои бекор кардани қарорҳои мақомоти давлатӣ, ки хилофи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ мебошанд, таклиф пешниҳод намояд;

-дар бораи таҳия, ворид намудани тағйиру иловаҳо ва ё беэътибор донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти шуъба дахлдошта таклиф пешниҳод намояд.

-дар гузаронидани ҷаласаҳо, машваратҳо ва дигар чорабиниҳо, ки ба фаъолияти шуъба дахл доранд, иштирок намояд;

-дар дохили ҷумҳурӣ ва дар хориҷа такмили ихтисос намуда, малакаи худро бо тариқи таълим ва таҷрибаомӯзӣ баланд бардорад.

24. Дар ҳисоботи семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаи худ, санадҳои санҷишӣ (гузоришҳо) оид ба натиҷаи санҷиши фаъолияти муассисаҳои сохтории вазорат ва сохторҳои ҳудудии он, пешниҳодҳо ва хулосаҳо дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти шуъба дахлдошта, гузоришҳо ҷиҳати таҳкими фаъолияти вазорат ва шуъба ба унвони сардори шуъба салоҳияти имзо карданро доро мебошад.

25. Барои гирифтани рутбаҳои тахассусӣ, мукофотҳои соҳавию давлатӣ ва дигар имтиёзҳои аз тарафи қонунгузории ҷумҳурӣ муайяншуда пешниҳод шавад.

26. Кафолатҳои иҷтимоӣ-меҳнатии худро ҳифз намояд.

27. Дар ҳолати вайрон кардани интизоми меҳнат бо натиҷаи санади санҷиши фаъолияти худ ва даровардани тағйирот ба он шинос шавад.

28. Мутахассиси пешбари шуъба дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

Масъулияти мутахассиси пешбари шуъба

29. Мутахассиси пешбари шуъба дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

- пешниҳод кардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, тартиб додан ва пешбурди делои шахсии худ;

-мавҷуд набудани мамониатҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» барои таъин намудан ба мансаб ва дар мансаб будан;

- риоя кардани маҳдудиятҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» муқаррар карда шудаанд;

-ошкор накардани сирри хизматӣ, давлатӣ ва дигар сирре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;

-риоя кардани меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ;

-риоя кардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо;

-риоя кардани интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ;

-пешниҳод кардани эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи амволии хизматчии давлатии маъмурӣ дар муҳлатҳои муқарраргардида;

-дигар масъулияте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

30. Мутахассиси пешбари шуъба барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ вобастакардашуда тибқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

## 6. Муқарраároти хотимавӣ

31. Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи хадамоти кадрӣ ба мутахассиси пешбари шуъба бо гирифтани имзо, сабти ному насаб ва гузоштани сана дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ супорида мешавад.

32. Ҳангоми ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани ӯҳдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқи хизматчии давлатии маъмурӣ аз рӯи натиҷаи аттестатсия ва ё баҳодиҳии фаъолияти солона, инчунин ҳангоми азнавташкилдиҳии шуъба ва ё вазорат ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Дастурамали мансабии мутахассиси пешбари шуъба мегарданд, Дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

Замимаи 4
бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «21» 01 соли 2025, №75
тасдиқ шудааст

Дастурамали
мансабии мутахассиси пешбари шуъбаи аудити дохилии
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Муқаррароти умумӣ

1. Номи мансаб – мутахассиси пешбари шуъбаи аудити дохилии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи шашум мансуб аст.

3. Мутахассиси пешбари шуъбаи аудити дохилии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – мутахассиси пешбари шуъба) аз тарафи вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - вазири маориф ва илм) мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешавад.

4. Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба сардори шуъбаи аудити дохилии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – сардори шуъба) тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

5. Дар давраи муваққатан ҳозир набудани сармутахассиси шуъба иҷрои уҳдадориҳои мансабии ӯ ба мутахассиси пешбари шуъба ва дар давраи муваққатан ҳозир набудани мутахассиси пешбари шуъба иҷрои уҳдадориҳои мансабии ӯ сармутахассиси шуъба вогузор карда мешавад.

6. Мутахассиси пешбари шуъба оид ба фаъолияти семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаи худ ва ҳангоми баҳогузории фаъолияти худ дар муҳлатҳои муқарраргардида ҳисобот пешниҳод менамояд.

7. Мутахассиси пешбари шуъба бо роҳбарон ва кормандони дахлдори воҳидҳои сохтории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Вазорат), сохторҳои ҳудудии он дар доираи уҳдадориҳои мансабии худ тибқи тартиби муқарраргардида ҳамкорӣ менамояд.

2. Талаботи тахассусӣ

8. Барои ишғолкунандаи мансаби мутахассиси пешбари шуъба талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

-таҳсилоти олии касбии иқтисодӣ, молиявӣ.

-1 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 2 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои

ухдадорихои мансабии мутахассиси пешбари шуъбаро ба танзим медароранд;

- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мавҷудияти малакаи хуби муоширaт, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- на камтар аз 1 маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;
- малакаи кор бо компютер ва дигар технологияҳои иттилоотӣ.

9. Мутахассиси пешбари шуъба бояд ба талаботи махсус ҷавоб диҳад:

- дорои донишу малака барои истифодабарии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва илм бошад.

## 3. Уҳдадориҳои мансабии мутахассиси пешбари шуъба

10. Уҳдадориҳои мансабии мутахассиси пешбари шуъба аз инҳо иборат мебошад:

- Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои эътирофнамудаи байналмиллалии аудити дохилӣ ва талаботи Кодекси одоби касбии аудиторони дохилиро риоя намояд;
- ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва манфиатҳои шахсони ҳуқуқиро риоя, ҳифз ва эҳтиром намуда, интизоми давлатӣ ва хизматиро риоя намояд;
- дастуру супоришҳои вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якум, муовинони вазир ва сардори шуъбаи аудити дохилии Вазоратро, ки дар доираи ваколати онҳо дода шудаанд иҷро намояд;
- дар раванди таҳия намудани нақшаи кории солона ва дарозмуддати шуъба иштирок намояд;
- ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо ва номутобиқатии дар рафти гузаронидани аудит ошкор гардида тавсияҳо пешниҳод намояд;
- аз натиҷаиаудитигузаронидашуда ба сардоришуъбаи аудити дохилӣҳисобот пешниҳод намояд;
- маълумотҳо оид ба асосноккунии натиҷаи аудити дохилӣ зарурро ҳуҷҷатгузорӣ намояд;
- вазифаҳо ва чорабиниҳои тибқи нақшаи корӣ ва дарозмуддати шуъба таҳия гардидаро таъмин намояд;
- баҳодиҳии мувофиқат ва самаранокии низоми идоракунии молия ва назорати дохилии (Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон)-ро амалӣ менамояд;
- гузаронидани таҳлили хавфҳои коррупсия, тарҳрезӣ намудани тадбирҳои дахлдоро ид ба мубориза бо коррупсия ва чораҳои бартарафсозии омилу сабабҳои ба ҳолати коррупсионӣ мусоидаткунандаи (Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон)-ро амалӣ менамояд;

- ҳангоми ошкор намудани камбудиҳои молиявӣ, бо розигии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ супоридани маводҳоро тибқи қонунгузорӣ амалӣ менамояд;

- ҷиҳати такмил додани фаъолияти (Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон) тавсияҳо пешниҳод намуда, иҷрои онро мушоҳида менамояд;

- такмили ихтисос, баланд бардоштани сатҳи касбият, салоҳиятнокӣ, тахассус ва донишу малакаи худ ҷиҳатисамаранок иҷронамудани ухдадориҳоимансабӣ;

- меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси одоби касбии аудиторони дохилӣ ва кодекси одоби дохили идоравиро дастури фаъолияти худ қарордода, ҳолатҳои бархӯрди манфиатҳоро ҳангоми иҷрои ухдадориҳои мансабӣ истисно намояд;

- аз паҳнамоии иттилооти дар раванди фаъолияти касбӣ дастрасшуда, ба истисноии ҳолатҳое, ки қонун иҷозат медиҳад, худдорӣ намояд;

- дар амалҳои худ бояд мустақил, беғараз, салоҳиятнок ва поквиҷдон бошад;

- дар фаъолияти меҳнатӣ ҳуқуқҳои худро бо мақсади сӯиистифода намудан аз онҳо ва ё расонидани зарар ба шахси дигар истифода нанамояд;

-ҳифзи моликияти (Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон) таъмин намояд.

12. Дар ҳолати ошкор гардидани амали коррупсионӣ дар доираи салоҳияти худ ба роҳбари мақом, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар медиҳад ва бо онҳо ҳамкорӣ менамояд.

13. Дар таҳияи лоиҳаи Дастурамали мансабии худ иштирок менамояд.

14. Бо супориши сардори шуъбаи дар кори комиссияҳо, гурӯҳҳои кории мақомоти давлатӣ, ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои мақомоти давлатӣ иштирок намуда, ба роҳбари воҳиди сохторӣ гузориш/ҳисобот пешниҳод менамояд.

15. Дигар супоришҳои сардори шуъбаро иҷро менамояд.

## 4.Ҳуқуқҳои мутахассиси пешбари шуъба

16. Мутахассиси пешбари шуъба ҳуқуқҳои зерин дорад:

- ба ҳамагуна маълумоти молиявӣ, ҳуҷҷатҳо, ҳисобот ва дигар манбаҳое, ки барои амалӣ намудани аудити дохилӣ зарур аст, дастрасии фаврӣ дорад;

-дар асоси супориши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои мувофиқ ба сохторҳои таркибии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида, маълумот оид ба масъалаҳои корие, ки шуъба зарур мешуморад, талаб намояд;

- бо супориши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳама ҳолат ва вақти мувофиқ ҳуҷҷатҳо, мавод, навиштаҳо, ҳисоботҳо, муросилот ё дигар маълумот ва иттилооти сохторҳои таркибии Вазорати

маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои иҷрои вазифаҳои шуъба заруранд, талаб намуда гирад;

- гирифтан ва санҷидани ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ, иттилоот ва аз шахсони масъули (Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва сохторҳои тобеи он талаб намудани тавзеҳот оиди маълумотҳои дар рафти аудит ошкоргардида;

- сохтор ва тарафҳои бо (Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва сохторҳои тобеи он алоқаи берунадоштаро, ки маблағҳои (Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва сохторҳои тобеи онро истифода ё ихтиёрдорӣ менамоянд аудит мегузаронад;

- оид ба фаъолият ва самаранокии идоракунии молиявӣ ва низоми назорати дохилӣ изҳори мулоҳизаи мустақил намояд;

- дар ҳолати пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва дигар иттилооти муҳиме, ки ба ташаккули мавқеи сардори шуъба таъсир мерасонад, аз гузаронидани санҷиш ва ё изҳори мулоҳизаи худ дар ҳисобот худдорӣ намояд;

- аз мақомоти дахлдор маълумот ва маводҳои барои иҷрои босифат ва саривақтии уҳдадориҳои мансабӣ заруррро бо тартиби муқаррарнамуда талаб намояд;

- дар фаъолияти худ, бо назардошти тахассус, қобилияти касбӣ ва сатҳи иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии худ, баланд равад;

- дар сурати айбдоркунии беасос гузаронидани санҷиши хизматиро талаб намояд ва бо натиҷааш шинос шавад;

- ба фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ машғул шавад;

- амалӣ намудани ҳуқуқҳои дигаре, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд.

- дар баррасии масъалаҳои ба фаъолияти шуъба дахлдошта ва қабули қарор аз рӯи онҳо иштирок намояд;

- аз воҳидҳои сохтории Вазорат ва сохторҳои ҳудудии дахлдори он маълумот ва маводҳои барои иҷрои босифат ва саривақтии уҳдадориҳои мансабӣ заруррро бо тартиби муқарраргардида гирад;

- аз махзани маълумоти дар ихтиёри воҳидҳои сохтории Вазорат ва сохторҳои ҳудудии он қарордошта истифода намояд;

- дар доираи ваколатҳои худ дар баррасӣ ва қабули қарор аз рӯи масъалаҳои ба уҳдадориҳои мансабии ӯ дахлдошта иштирок намояд;

- ба роҳбари воҳиди сохторӣ ва ё роҳбари мақоми давлатӣ дар доираи уҳдадориҳои мансабӣ ва функсияҳои воҳиди сохторӣ оид ба мукаммал намудани самти кор таклиф пешниҳод намояд;

- маводи дар ихтиёри Вазорат қарордоштаро омӯзад;

- дар бораи таҳия, ворид намудани тағйиру иловаҳо ва ё беэътибор донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти шуъбаи дахлдошта таклиф пешниҳод намояд;

- дар гузаронидани ҷаласаҳо, машваратҳо ва дигар чорабиниҳо, ки ба фаъолияти шуъба дахл доранд, иштирок намояд;

- аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ба такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ фаро гирифта шавад.

13. Барои гирифтани рутбаҳои тахассусӣ, мукофотҳои соҳавию давлатӣ ва дигар имтиёзҳои аз тарафи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайяншуда пешниҳод мешавад.

14. Кафолатҳои иҷтимоӣ-меҳнатии худро ҳифз менамояд.

15. Мутахассиси пешбари шуъба дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

## 4. Масъулияти мутахассиси пешбари шуъба

16. Мутахассиси пешбари шуъба дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

- иҷрои кор дар доираи салоҳияти касбӣ;
- таъмини иҷрои саривақтии чорабиниҳои банақшагирифташуда;
-иштирок намудан дар баррасии ҳисоботи таҳлилии солона оид ба аудити дохилӣ;
- барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани вазифаҳои шуъба ва уҳдадориҳои мансабӣ, ки дар Дастурамали мансабии мазкур пешбинӣ шудаанд;
- барои пешниҳод накардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, дар мансаб будан, тартиб додан ва пешбурди делои шахсии худ;
- барои риоя накардани маҳдудиятҳо ва дигар талаботҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд;
- барои риоя накардани муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» ва Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- барои пешниҳод накардан ва/ё пешниҳоди нодурусти эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи молумулкӣ дар муҳлатҳои муқарраргардида;
- барои ошкор намудани сирри хизматӣ, давлатӣ ва дигар сирре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;
- барои риоя накардани интизоми меҳнат, қоидаҳои тартиботи дохилӣ;
- барои ғайримақсаднок истифода бурдан ва ё вайрон намудани моликияти давлатии вобастакардашуда;
- дигар масъулияте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

17. Мутахассиси пешбари шуъба барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ вобастакардашуда тибқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

5. Муқарраароти хотимавӣ

18. Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи хадамоти кадрӣ ба мутахассиси пешбари шуъба бо гирифтани имзо, сабти ному насаб ва гузоштани сана дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ супорида мешавад.

19. Ҳангоми тағйир ёфтани уҳдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқҳои хизматчии давлатии маъмурӣ аз рӯи натиҷаи аттестатсия ва ё баҳодиҳии фаъолияти солона, инчунин ҳангоми азнавташкилдиҳии шуъба ва ё Вазорат ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Дастурамали мансабии мутахассиси пешбари шуъба мегарданд, Дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

Замимаи 4
бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «21» 01 соли 2025, №73
тасдиқ шудааст

# ДАСТУРАМАЛИ МАНСАБИИ МУТАХАССИСИ ПЕШБАРИ 1 ШУЪБАИ БАҲИСОБГИРИИ БУХГАЛТЕРӢ ВА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Номи мансаб - мутахассиси пешбари 1 шуъбаи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявии Вазорати маориф ва илми Ҷумурии Тоҷикистон.

2. Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи шашум мансуб аст.

3. Мутахассиси пешбари 1 шуъбаи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявии Вазорати маориф ва илми Ҷумурии Тоҷикистон (минбаъд мутахассиси пешбари шуъба) аз тарафи вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд вазири маориф ва илм) мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин ва озод карда мешавад.

4. Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба сардори шуъбаи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявии Вазорати маориф ва илми Ҷумурии Тоҷикистон (минбаъд – сардори шуъба) тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

5. Дар давраи муваққатан ҳозир набудани мутахассиси пешбари 1 шуъба уҳдадориҳои мансабии ӯ ба мутахассиси пешбари 2 шуъба ва дар давраи муваққатан ҳозир набудани мутахассиси пешбари шуъба уҳдадориҳои мансабиаш ба мутахассиси пешбари 1 шуъба вогузор карда мешавад.

6. Мутахассиси пешбари 1 шуъба бо кормандони дахлдори раёсату шубаҳои дастгоҳи марказии Вазорати маорифи ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Вазорат) ва муассисаҳои тобеи он, вазорату кумитаҳои дахлдор, раёсату шуъбаҳои маориф, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ҳамкорӣ менамояд.

## 2. ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ

7. Барои мансаби мутахассиси пешбари 1 шуъба талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

-таҳсилоти олии касбии иқтисодӣ;

-1 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 2 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.

-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;

-донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии мансаби мазкурро ба танзим медароранд;

- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

- на камтар аз 1 маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;

-кор карда тавонистан бо компютер.

8. Мутахассиси пешбари 1 шуъба бояд ба талаботи махсус ҷавоб диҳад:

-дорои донишу малака барои истифодабарии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва хизмати давлатӣ (меҳнат) бошад.

## 3.УҲДАДОРИҲОИ МАНСАБИИ МУТАХАССИСИ ПЕШБАРИ 1 ШУЪБА

9. Мутахассиси пешбари 1 шуъба дорои чунин уҳдадориҳо мебошад:

- доир ба сари вақт ва бо сифати баланд қабул намудани ҳисоботи молиявии ҳар як муассисаи Вазорати маориф ва илм масъул буда, натиҷаи ҳисоботро таҳлил менамояд ва ба сардори шуъба ҳисобот пешниҳод мекунад;

- назорати ҳуҷҷатҳоро доир ба ҳисоббаробаркунӣ бо муассисаҳои тобеъ ва ташкилотҳои беруна тайёр карда, қарзҳои дебиторӣ ва кредиториро ба танзим медарорад;

- масъули дуруст ташкил кардани ҳисобот оиди даромад ва хароҷоти китобҳои дарсӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва суратҳисоби махсус (МО-3, МО-6) , ҳисоботи хароҷоти сузишворӣ (бензин, солярка, газ), инчунин ҳисоботи даромади дохилӣ (МО-13 “а”) ба миён мегузорад;

- аз Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ ҳар як семоҳа ҳисоботи молиявиро бухгалтериро оид ба қабул ва чопи тақсимоти китобҳои дарсии мактабҳои таҳсилоти умумӣ МО-13 пешниҳод менамояд.

- дар кори худ бевосита Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии бухгалтерӣ» аз 25.03.2011, №702 қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008, №531 «Дар бораи пардохти хароҷоти сафарҳои хизматии давлатӣ ва кормандони корхонаҳо, идораҳо ва муассисаҳои давлатӣ ба мамлакатҳои хориҷи дуру наздик, инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро истифода мебарад;

-дар таҳияи пешниҳодҳо оид ба муайянкунии сиёсати давлатӣ дар самти фаъолияти Вазорат иштирок кунад;

-корро оид ба мутобиққунии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав қабулшуда амалӣ намояд;

-ҳамчун намояндаи вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар семинарҳо, конфренсияҳо, оид ба масъалаҳои соҳаи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит иштирок мекунад.

-доир ба сари вақт ва бо сифати баланд қабул намудани ҳисоботи молиявии ҳар як муассисаи Вазорати маориф ва илм масъул буда, натиҷаи ҳисоботро таҳлил менамояд ва ба сардори шуъба ҳисобот пешниҳод мекунад.

-дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ дар масъалаи баҳисобгирии бухгалтерӣ корҳои назоратиро ба иҷро мерасонад;

-доир ба камбудиҳои ошкоргардидаи ҳисоботи бухгалтерии муассисаҳо ба сардори шуъба ахборот пешниҳод менамояд;

-дар кори худ бевосита ба сардори шуъба итоат мекунад.

## 4.ҲУҚУҚУҚҲОИ МУТАХАССИСИ ПЕШБАРИ 1 ШУЪБА

10. Мутахассиси пешбари 1 шуъба дорои ҳуқуқҳои зерин мебошад:

-дар баррасии масъалаҳои доираи уҳдадориҳои мансабӣ ва қабули қарор аз рӯи онҳо иштирок намояд;

-маводҳои дар ихтиёри Вазорат ва шуъба қарордоштаро омӯзад;

-бо тартиби муқарраргардида аз мақомоти дахлдор маълумот ва маводҳои барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ заруриро талаб карда гирад;

-барои бекор кардани қарорҳои мақомоти давлатӣ, ки хилофи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ мебошанд, таклиф пешниҳод намояд;

-дар гузаронидани ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳо, ки ба фаъолияти шуъба дахл доранд, иштирок намояд;

-ҷиҳати таҳкими фаъолияти шуъба ва Вазорат таклиф пешниҳод намояд.

11. Дар ҳисоботи семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаи худ, санадҳои санҷишӣ (гузоришҳо) оид ба натиҷаи санҷиши фаъолияти мақомоти давлатӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳо дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти шуъба дахлдошта, гузоришҳо ҷиҳати таҳкими фаъолияти шуъба ва Вазорат ба унвони сардори шуъба салоҳияти имзо карданро доро мебошад.

12. Барои гирифтани рутбаҳои тахассусӣ, мукофотҳои соҳавию давлатӣ ва дигар имтиёзҳои аз тарафи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайяншуда пешниҳод мешавад.

13. Кафолатҳои иҷтимоӣ-меҳнатии худро ҳифз менамояд.

14. Мутахассиси пешбари 1 шуъба инчунин дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

## 5. МАСЪУЛИЯТИ МУТАХАССИСИ ПЕШБАРИ 1 ШУЪБА

15. Мутахассиси пешбари 1 шуъба дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

- пешниҳод кардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, тартиб додан ва пешбурди делои шахсии худ;
- мавҷуд набудани мамониатҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» барои таъин намудан ба мансаб ва дар мансаб будан;
- риоя кардани маҳдудиятҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» муқаррар намудаанд;
- ошкор накардани сирри хизматӣ, давлатӣ ва дигар сирре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;
- риоя кардани меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ;
- риоя кардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо;
- риоя кардани интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ;
- ба таври дуруст пешниҳод кардани эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи амволии хизматчии давлатии маъмурӣ дар муҳлатҳои муқарраргардида;
- дигар масъулияте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

16. Мутахассиси пешбари 1 шуъба барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ вобастакардашуда тибқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

## 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

17. Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи хадамоти кадрӣ ба мутахассиси пешбари 1 шуъба бо гирифтани имзо, сабти ному насаб ва гузоштани сана дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ супорида мешавад.

18. Ҳангоми ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани уҳдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқи хизматчии давлатии маъмурӣ аз рӯи натиҷаи аттестатсия ва ё баҳодиҳии фаъолияти солона, инчунин ҳангоми азнавташкилдиҳии раёсат ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Дастурамали мансабии мутахассиси пешбари 1 шуъба мегарданд, Дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

Замимаи 9
бо фармоиши вазири маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «03» 01 соли 2025, №23
тасдиқ карда шудааст

Дастурамали
мансабии мутахассиси раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдаки
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Муқаррароти умумӣ

7. Номи мансаб - мутахассиси раёсат раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдаки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

8. Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи ҳафтум мансуб аст.

9. Мутахассиси раёсат раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдаки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мутахассиси раёсат) аз тарафи Вазири маориф ва илми ҶумҳурииТоҷикистон (минбаъд - вазири маориф ва илм) мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин ва озод карда мешавад.

10. Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба сардори раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдаки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - сардори раёсат) тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

11. Дар давраи муваққатан ҳозир набудани мутахассиси пешбари 3 раёсат иҷрои уҳдадориҳои мансабии ӯ ба мутахассиси раёсат ва дар давраи муваққатан ҳозир набудани мутахассиси раёсат иҷрои уҳдадориҳои мансабиаш ба мутахассиси пешбари 3 раёсат вогузор карда мешавад.

12. Мутахассиси раёсат бо кормандони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои тобеи он, вазорату кумитаҳои дахлдор, раёсату шуъбаҳои маориф, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ҳамкорӣ менамояд.

2. Талаботи тахассусӣ

7. Барои мансаби мутахассиси раёсат талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

- таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ;
- қобилияти ба ӯҳда гирифтани ҷавобгарӣ ва мустақилона кор кардан;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии мутахассиси раёсат-ро ба танзим медароранд;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ ва забони давлатӣ;
- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- истифода бурда тавонистани таҷҳизоти иттилоотии замонавӣ, аз ҷумла барномаҳои Microsoft Office (Word, Power Point, Excel);
- дониш ва малака барои истифодабарии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хизмати давлатӣ;

- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

3. Уҳдадориҳои мансабӣ

10. Мутахассиси раёсат дорои уҳдадориҳои зерини мансабӣ мебошад:

- дар давраи муваққатан набудани мутахассиси пешбари 3 раёсат уҳдадориҳои мансабии ӯро иҷро менамояд;
- дар таҳия ва пешниҳоди лоиҳаҳои қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор иштирок менамояд;
- аз рафти иҷрои қонунҳо, барномаҳо, стратегияҳо, консепсияҳо, нақшаи миллии амалҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии вобастабуда тибқи муҳлати муайяншуда маълумотнома ё ҳисобот омода менамояд;
- оид ба масъалаҳои дахлдори дар салоҳияташ буда мактубҳои дастурӣ ва ҳуҷҷатҳои дигарро таҳия менамояд;
- дархостҳо ва ҳисоботи роҳбарони воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказии Вазорат ва муассисаҳои тобеъро оид ба вазъи самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак қабул намуда, таҳлилҳо мегузаронад;
- муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, ба онҳо ҷавоб омода менамояд;
- дар муҳлатҳои муқарраргардида эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи амволии хизматчии давлатии маъмурӣ пешниҳод менамояд;
- дар санҷиши фаъолияти воҳидҳои сохтории Вазорат ва сохторҳои ҳудудии он оид ба риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа иштирок мекунад ва аз натиҷаи санҷиш ҳисобот манзур менамояд;
- дар ҳолати ошкор гардидани амали коррупсионӣ дар доираи салоҳияти худ ба роҳбари мақом, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар медиҳад ва бо онҳо ҳамкорӣ менамояд;
- дар таҳияи лоиҳаи дастурамали мансабии худ иштирок менамояд;
- лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки аз тарафи дигар мақомоти давлатӣ барои мувофиқа пешниҳод карда шудаанд, мустақилона ё дар якҷоягӣ бо кормандони раёсат баррасӣ намуда, хулосаи раёсатро омода менамояд;
- бо супориши сардори раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар кори комиссияҳо, гурӯҳҳои кории мақомоти давлатӣ, ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои мақоми давлатӣ иштирок менамояд;
- масъули коргузории раёсат буда, сабти ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротии раёсатро иҷро намуда, нигоҳдории онҳоро дар парвандаҳои муқарраргардида таъмин менамояд.
- оид ба гардиши ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва натиҷаи баррасии онҳо ба сардори раёсат ахбороти ҳарҳафтаина ва моҳона пешниҳод менамояд.
- ҳар рӯз оид ба ҳаракати мавод дар дафтарҳои бақайдгирӣ қайдҳо мегузорад.
- муқоваи парвандаҳои ташкилшавандаро тибқи феҳрист тартиб (ҷузъбандӣ, рақамгузории варақаҳо, навиштаҷоти тасдиқкунанда) медиҳад, пеш мебарад, муросилотро бо тартиби муқарраргардида омода намуда, нигоҳдорӣ ва ба бойгонӣ супоридани онҳоро таъмин менамояд.
- якҷоя бо қисми коргузорӣ рӯйхати парвандаҳои муҳлати нигоҳдориаш доимиро тартиб медиҳад.

- дигар супоришҳои сардори раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдакро тибқи тартиби муқаррарнамуда иҷро менамояд.

4. Ҳуқуқҳо

11. Мутахассиси раёсат ҳуқуқҳои зерин дорад:

- аз роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва хизматчиёни мақоми давлатӣ, сохторҳои системаи он оид ба масъалаҳои вобаста ба салоҳияти соҳа мутобиқи тартиби муқарраргардида маълумот дархост намояд;

- дар доираи ваколатҳои худ дар баррасӣ ва қабули қарор аз рӯи масъалаҳои ба ӯҳдадориҳои мансабии ӯ дахлдошта иштирок намояд;

- бо тартиби муқарраргардида машварату семинарҳо ташкил намояд;

- аз раёсат, шуъба, бахш, муассисаҳои тобеи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаю ташкилот маълумоти заруриро талаб намояд;

- семинар ва сӯҳбату вохӯриҳоро бо намояндагони комиссияҳои ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдаки мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, раёсату шуъбаи маориф ва муассисаҳои таълимӣ ташкил намояд;

- дар гузаронидани ҷаласаҳо, машваратҳо ва дигар чорабиниҳо, ки ба фаъолияти раёсат дахл доранд, иштирок намояд;

- аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ба такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ фаро гирифта шавад;

- дар ҳолати вайрон кардани интизоми меҳнат, ба натиҷаи санади санҷишии фаъолияти худ ва ворид намудани тағйирот ба он шинос шавад;

- барои гирифтани рутбаҳои тахассусӣ, мукофотҳои соҳавию давлатӣ ва дигар имтиёзҳои аз тарафи қонунгузории ҷумҳурӣ муайяншуда пешниҳод шавад;

- дар назди сардори раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ҷиҳати рафти ислоҳоти соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ва камбудиҳои ошкоргардида дар самти ҳифзи ҳуқуқи кӯдак пешниҳод манзур намояд;

- мутахассиси раёсат дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

5. Масъулият

10. Мутахассиси раёсат дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

- пешниҳод кардани маълумоти дуруст ҳангоми аз тарафи мақомоти дахлдори болоӣ талаб намудан;

- риоя кардани маҳдудиятҳое, ки аз тарафи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст;

- риоя кардани меъёрҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои ухдадориҳои мансабӣ;

- риоя кардани интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ;

- пешниҳод кардани эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи амволии хизматчии давлатии маъмурӣ дар мухлатҳои муқарраргардида;

- дигар масъулияте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

11. Мутахассиси раёсат барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани ухдадориҳои мансабӣ, интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи

дохилӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ вобастакардашуда тибқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

## 6. Муқаррароти хотимавӣ

12. Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар раёсати кадрҳо ва корҳои махсус нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи раёсати кадрҳо ва корҳои махсус ба мутахассиси раёсат бо гирифтани имзо, сабти ному насаб ва гузоштани сана дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ супорида мешавад.

13. Ҳангоми ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани уҳдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқи мутахассиси раёсат аз рӯи натиҷаи аттестатсия ва ё баҳодиҳии фаъолияти солона, инчунин ҳангоми азнавташкилдиҳии раёсат ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Дастурамали мансабии мутахассиси раёсат мегарданд, Дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

Замимаи 8
бо фармоиши вазири маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 03 » 01 соли 2025, №21
тасдиқ карда шудааст

Дастурамали

мансабии мутахассиси раёсати таҳсилоти томактабии
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Муқаррароти умумӣ

1. Номи мансаб – мутахассиси раёсати таҳсилоти томактабии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаби категорияи ҳафтум мансуб аст.

3. Мутахассиси раёсати таҳсилоти томактабии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд мутахассиси раёсат) аз тарафи вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд вазири маориф ва илм) мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин ва озод карда мешавад.

4. Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба сардори раёсати таҳсилоти томактабии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – сардори раёсат) тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

5. Дар давраи муваққатан набудани мутахассиси пешбари раёсат уҳдадориҳои мансабии ӯро иҷро менамояд.

6. Мутахассиси раёсат бо роҳбарон ва кормандони дахлдори воҳидҳои сохтории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Вазорат) ва сохторҳои ҳудудии он ҳамкорӣ менамояд.

2 . Талаботи тахассусӣ

7. Барои мансаби мутахассиси раёсат талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

- таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмиллалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои вазифавии мансаби мазкурро ба танзим медароранд;
- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- на камтар аз 1 маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;
- малакаи кор бо компютер ва дигар технологияҳои иттилоотӣ.

8. Мутахассиси раёсат бояд ба талаботи махсус ҷавоб диҳад:

- дорои донишу малака барои истифодабарии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳа бошад.

3. Уҳдадориҳои мансабии мутахассиси раёсат

9. Дар санҷишҳои фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ оид ба иҷрои фармоишҳои вазири маориф ва илм ва қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок мекунад ва аз натиҷаи санҷиш ҳисобот манзур менамояд.

10. Ҷиҳати таҳияи нақшаи Вазорат, раёсат ва нақшаи кори нимсолаи (солонаи) худ ба сардори раёсат таклиф пешниҳод менамояд.

11. Дар таҳияи лоиҳаи Дастурамали мансабии худ иштирок менамояд.

12. Лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки аз тарафи дигар мақомоти давлатӣ барои мувофиқа пешниҳод карда шудаанд,

мустақилона, ё дар якҷоягӣ бо дигар кормандони бахш баррасӣ намуда, хулосаи Вазоратро омода менамояд.

13. Лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тавсияҳои методии омоданамудаи дигар воҳидҳои сохтории Вазоратро мустақилона, ё дар якҷоягӣ бо кормандони раёсат баррасӣ намуда, хулосаи раёсатро омода менамояд.

14. Дар мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқии мансабӣ дар раёсат иштирок менамояд.

15. Оид ба фаъолияти семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа, солона дар муҳлати муқарраршуда ҳисобот таҳия ва пешниҳод менамояд.

16. Дар давраи муваққатан набудани мутахассиси пешбари раёсат уҳдадориҳои мансабии ӯро иҷро менамояд.

17. Супоришҳои иловагии сардори раёсатро дар доираи кори раёсат иҷро менамояд.

18. Дар ҳолати ошкор гардидани амали коррупсионӣ дар доираи салоҳияти худ ба роҳбари мақом, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар медиҳад ва бо онҳо ҳамакорӣ менамояд.

19. Масъули коргузории раёсат буда, сабти ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротии раёсатро иҷро намуда, нигоҳдории онҳоро дар парвандаҳои муқарраргардида таъмин менамояд;

20. Оид ба гардиши ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва натиҷаи баррасии онҳо ба сардори раёсат ахбороти ҳарҳафтаина ва моҳона пешниҳод менамояд;

21. Нусхаи назоратии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар раёсат тартиб медиҳад ва барои истифодабарии онҳо шароит муҳайё менамояд.

22. Якҷоя бо шуъбаи умумӣ рӯйхати парвандаҳои муҳлати нигоҳдориаш доимиро тартиб медиҳад;

24. Ҳар рӯз оид ба ҳаракати мавод дар дафтарҳои бақайдгирӣ қайдҳо мегузорад;

25. Суратҷаласаи назди сардори раёсатро мураттаб месозад.

## 1. Ҳуқуқҳои мутахассиси раёсат

24. Мутахассиси раёсат ҳуқуқҳои зерин дорад:

- дар баррасии масъалаҳои доираи уҳдадориҳои мансабӣ ва қабули қарор аз рӯи онҳо иштирок намояд;
- маводҳои дар ихтиёри Вазорат ва раёсат қарордоштаро омӯзад;
- бо тартиби муқарраргардида аз мақомоти дахлдор маълумот ва маводди барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ заруририро талаб карда гирад;
- барои бекор кардани қарорҳои мақомоти давлатӣ, ки хилофи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа мебошанд, таклиф пешниҳод намояд;
- дар гузаронидани ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳо, ки ба фаъолияти раёсат дахл доранд, иштирок намояд;
- ҷиҳати таҳкими фаъолияти раёсат ва Вазорат таклиф пешниҳод намояд.

25. Дар ҳисоботи семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаи худ, санадҳои санҷишӣ (гузоришҳо) оид ба натиҷаи санҷиши фаъолияти мақомоти давлатӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳо дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти раёсат дахлдошта, гузоришҳо ҷиҳати таҳкими фаъолияти раёсат ва Вазорат ба унвони сардори раёсат салоҳияти имзо карданро доро мебошад.

26. Барои гирифтани рутбаҳои тахассусӣ, мукофотҳои соҳавию давлатӣ ва дигар имтиёзҳои аз тарафи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайяншуда пешниҳод мешавад.

27. Кафолатҳои иҷтимоӣ-меҳнатии худро ҳифз менамояд.

28. Мутахассиси раёсат дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

## 2. Масъулияти мутахассиси раёсат

29. Мутахассиси раёсат дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

- пешниҳод кардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул ба мансаби мазкур, тартиб додан ва пешбурди парвандаи шахсии худ;
- риоя кардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо;
- риоя кардани интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ;
- дигар масъулияте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

30. Мутахассиси раёсат барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликият барои иҷрои уҳдадориҳои мансаби вобастакардашуда тибқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

## 6. Муқаррароти хотимавӣ

31. Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар раёсати кадро ва корҳои махсус нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи раёсати мазкур ба мутахассиси раёсат бо гирифтани имзо, сабти ному насаб ва гузоштани сана дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ супорида мешавад.

32. Ҳангоми ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани уҳдадориҳои мансабӣ инчунин ҳангоми азнавташкилдиҳии раёсат ва ё Вазорат ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Дастурамали мансабии мутахассиси раёсат мегарданд, дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

Замимаи 8<br>бо фармоиши вазири маориф<br>ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>аз «15» 01 соли 2025, №60<br>тасдиқ шудааст

Дастурамали
мансабии мутахассиси 2-и раёсати муносибатҳои байналмилалии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Муқаррароти умумӣ

1.Номи мансаб – мутахассиси 2-и раёсати муносибатҳои байналмилалии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2.Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи ҳафтум мансуб аст.

3.Мутахассиси 2-и раёсати муносибатҳои байналмилалии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мутахассиси 2-и раёсат) аз тарафи вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - вазири маориф ва илм) мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешавад.

4.Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба сардори раёсати муносибатҳои байналмилалии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - сардори раёсат) тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

5.Дар давраи муваққатан ҳозир набудани мутахассиси 1-и раёсат, иҷрои уҳдадориҳои мансабии ӯ ба мутахассиси 2-и раёсат ва дар давраи муваққатан ҳозир набудани мутахассиси 2-и раёсат, иҷрои уҳдадориҳои мансабии ӯ ба мутахассиси 1-и раёсат вогузор карда мешавад.

6.Мутахассиси 2-и раёсат оид ба фаъолияти семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаи худ ва ҳангоми баҳогузории фаъолияти худ дар муҳлатҳои муқаррааргардида ҳисобот пешниҳод менамояд.

7.Мутахассиси 2-и раёсат бо роҳбарон ва кормандони дахлдори воҳидҳои сохтории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Вазорат), сохторҳои ҳудудии он дар доираи уҳдадориҳои мансабии худ тибқи тартиби муқаррааргардида ҳамкорӣ менамояд.

2.Талаботи тахассусӣ

8.Барои ишғолкунандаи мансаби мутахассиси 2-и раёсат талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

- таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбии муносибатҳои байналмилалӣ ё гуманитарӣ;

- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии мутахассиси 2-и раёсатро ба танзим медароранд;

- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва як забони хориҷӣ;

- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- мавҷудияти малакаи хуби муоширатт, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

- на камтар аз 1 маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;

- малакаи кор бо компютер ва дигар технологияҳои иттилоотӣ.

### 3. Уҳдадориҳои мансабии мутахассиси 2-и раёсат

9. Таъмини коргузорӣ дар раёсат;

10. Иҷрои супоришҳои марбут ба ташкил ва гузаронидани форум, конфронс, симпозиум ва семинарҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дошта соҳаи маориф ва илм;

11. Ташкили вохурихои робарияти вазорат бо намояндагони хорчи;

12. Фаъолияти тарҷумонӣ дар соҳаи маориф ва илм.

13. Хамкори бо вазорату идорахои чумхури чихати хамкори дар сохаи маориф ва илм;

14. Хамохангсозии хамкорихои муассисахои тахсилоти олии касбии чумхури бо муассисахои тахсилоти олии касби хоричи кишвар;

15. Танзим ва ичрои хамкорихо бо давлатхои хоричи кишвар (тибки дастури сардори раёсат);

16. Дар таҳияи лоиҳаи Дастурамали мансабии худ иштирок менамояд.

17. Муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, ҷавоб омода менамояд.

18. Бо супориши сардори раёсат дар кори комиссияҳо, гурӯҳҳои кории мақомоти давлатӣ, ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои мақомоти давлатӣ иштирок намуда, ба роҳбари воҳиди сохторӣ гузориш/ҳисобот пешниҳод менамояд.

19. Дигар супоришҳои сардори раёсатро иҷро менамояд.

20. мутахассиси 2-и раёсат инчунин дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

### 4. Ҳуқуқҳои мутахассиси 2-и раёсат

21. Мутахассиси 2-и раёсат ҳуқуқҳои зерин дорад:

- дар баррасии масъалаҳои ба фаъолияти раёсат дахлдошта ва қабули қарор аз рӯи онҳо иштирок намояд;
- аз воҳидҳои сохтории Вазорат ва сохторҳои ҳудудии дахлдори он маълумот ва маводҳои барои иҷроии босифат ва саривақтии уҳдадориҳои мансабӣ зарурро бо тартиби муқарраргардида гирад;
- аз махзани маълумоти дар ихтиёри воҳидҳои сохтории Вазорат ва сохторҳои ҳудудии он қарордошта истифода намояд;
- дар доираи ваколатҳои худ дар баррасӣ ва қабули қарор аз рӯи масъалаҳои ба уҳдадориҳои мансабии ӯ дахлдошта иштирок намояд;
- ба роҳбари воҳиди сохторӣ ва ё роҳбари мақоми давлатӣ дар доираи уҳдадориҳои мансабӣ ва функсияҳои воҳиди сохторӣ оид ба мукаммал намудани самти кор таклиф пешниҳод намояд;
- маводи дар ихтиёри Вазорат қарордоштаро омӯзад;
- дар бораи таҳия, ворид намудани тағйиру иловаҳо ва ё беэътибор донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти раёсат дахлдошта таклиф пешниҳод намояд;
- дар гузаронидани ҷаласаҳо, машваратҳо ва дигар чорабиниҳо, ки ба фаъолияти раёсат дахл доранд, иштирок намояд;

- аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ба такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ фаро гирифта шавад.

22. Барои гирифтани рутбаҳои тахассусӣ, мукофотҳои соҳавию давлатӣ ва дигар имтиёзҳои аз тарафи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайяншуда пешниҳод мешавад.

23. Кафолатҳои иҷтимоӣ-меҳнатии худро ҳифз менамояд.

24. Мутахассиси 2-и раёсат дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

5. Масъулияти мутахассиси 2-и раёсат

25. Мутахассиси 2-и раёсат дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

- барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани вазифаҳои раёсат ва уҳдадориҳои мансабӣ, ки дар Дастурамали мансабии мазкур пешбинӣ шудаанд;

- барои пешниҳод накардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, дар мансаб будан, тартиб додан ва пешбурди делои шахсии худ;

- барои риоя накардани маҳдудиятҳо ва дигар талаботҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд;

- барои риоя накардани муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» ва Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- барои пешниҳод накардан ва/ё пешниҳоди нодурусти эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи молумулкӣ дар муҳлатҳои муқарраргардида;

- барои ошкор намудани сирри хизматӣ, давлатӣ ва дигар сирре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;

- барои риоя накардани интизоми меҳнат, қоидаҳои тартиботи дохилӣ;

- барои ғайримақсаднок истифода бурдан ва ё вайрон намудани моликияти давлатии вобаста кардашуда;

- дигар масъулияте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

26. Мутахассиси 2-и раёсат барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ вобастакардашуда тибқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

6. Муқаррароти хотимавӣ

27. Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи хадамоти кадрӣ ба мутахассиси 2-и раёсат бо гирифтани имзо,

сабти ному насаб ва гузоштани сана дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ супорида мешавад.

28. Ҳангоми тағйир ёфтани уҳдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқи хизматчии давлатии маъмурӣ аз рӯи натиҷаи аттестатсия ва ё баҳодиҳии фаъолияти солона, инчунин ҳангоми азнавташкилдиҳии раёсат ва ё Вазорат ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Дастурамали мансабии мутахассиси 2-и раёсат мегарданд, Дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.